**ХУЛОСАИ**

**роҳбари илмӣ оид ба таҳқиқоти диссертатсионии Собирова Назира Солиҷоновна «Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 -Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ба дифоъ пешниҳод мегардад**

Дар замони муосир коркарди технологияҳои самарабахши ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагонии хурдсол бо пайвастани Тоҷикистон ба фазои умумиҷаҳонии таҳсилот, тағйири парадигмаи таҳсилот, ташаккули тарҳи нави миллии он алоқаманд буда, дар баробари ин, ба масъалаҳои сифати омодагии кадрҳои педагогӣ, онҳое, ки вазифаи тарбияи насли нави дорои типи тафаккури инноватсионӣ бо фарҳанги ҷаҳоншиносонаи рушдёфта ва шуури бисёрфарҳанг бар дӯши онҳост, таваҷҷуҳ зоҳир мегардад.

Арзишмандии таҳқиқотро аҳамияти хосаи иҷтимоӣ доштани ташаккули шахсияти соҳибфарҳанг ва аз ҷиҳати касбӣ омодаи педагоги оянда, ки барои истифодаи арзишҳои фарҳангӣ дар ҷараёни фаъолияти педагогӣ ва муошҳрати сермаҳсул бо хонандагон дар раванди таълиму тарбия қобилият дорад, асоснок менамояд. Зарурати ба мақсад мувофиқи коркард, санҷиши озмоишӣ ва татбиқи технологияҳои самарабахши ташаккули салоҳияти касбии педагогҳои оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ҳамчун низоми иҷтимоӣ, институти иҷтимогардонии инсон баррасӣ намудан мумкин аст, ки дар он ташаккули чунин ҷиҳатҳои хислати шаҳрванди хурдсол шакл мегиранд, ки дар ҳаёту фаъолияти минбаъдааш дар ҷомеа ёрӣ хоҳанд дод. Давраи хурдсолӣ давраи махсуси ҳаёти инсон буда, маҳз дар ҳамин давра барои худтанзимкунии бошууронаи рафтор дар заминаи донишҳо,

қоидаву меъёрҳои қаблан азхудшудаи умумиинсонӣ ва мардумии педагогӣ имконият фароҳам меояд. Дар хонандагон кӯшишҳои устувори боздоштани хоҳишҳои беихтиёрона, тобеъ кардани онҳо ба талаботи иҷтимоӣ ва меъёрҳои рафтор ба назар мерасанд. Маводи таҷрибавии мушоҳидаҳо, натиҷаҳои ҷамъбастҳои назариявии таҳқиқот дар ин самт ошкор менамоянд, ки ба хонандагони ин синну сол аксари амалҳои иҷтимоие хос мебошанд, ки назорати доимии омӯзгорон ё волидайнро тақозо намекунанд. Бинобар ин, хурдсолӣ давраи ҳасос (сензитивӣ) барои рушди бисёр ҷанбаҳои имконияти иҷтимоии инсон пазируфта шудааст.

Дар кори диссертатсионӣ вазъи ҳозира ва тамоюлҳои инкишофи таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мавқеи ташаккули рафтори иҷтимоӣ ва фаъолияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила ва муассисаҳои таълимӣ «тарбияи рафтори иҷтимоии хонандагон» муайян ва қисматҳои сохтории он муқаррар шуданд. Аҳамияти ҳадафмандии шахсият ҳамчун заминаи ташаккули рафтор асоснок гардидааст, методикаи ташхис, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои сатҳи ташаккули фаъолияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ коркард ва анҷомдода шудааст.

Ҷолиб он аст, ки аз ҷониби Собирова Н.С. озмоишу санҷиши самаранокии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик амалӣ гардид.

Натиҷаҳое, ки дар рафти таҳқиқ ба даст омаданд, дар 12 интишороти муаллиф, аз он ҷумла, 6-тои онҳо дар нашрияҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тавсияшуда инъикос шудаанд.

Хулоса, диссертатсияи Собирова Назира Солиҷоновна кори мустақилона ва илмию тахассусӣ буда, ҳалли масъалаи мубрами барои илм ва амалияи педагогӣ муҳимро дар бар мегирад. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ҷавобгӯ буда, барои дифоъ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) тавсия мешавад.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, мудири шуъбаи муассисаҳои
томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи
рушди мароиф ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Котибова Ш.П.

Имзои дотсент Котибова Ш.П. -ро тасдиқ менамоям:

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди мароиф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.